«Тасдиқ мекунам»:
директори Институти фалсафа ва сиёсатшиносии ба номи А. Баҳоваддинови АМИТ, доктори илмҳои фалсафа,
профессор____________ Маҳмадизода Н.Д.
« 07» апрели соли 2026

# ХУЛОСАИ
## шуъбаи масоили сиёсии муносибатҳои байналмилалии Институти фалсафа ва сиёсатшиносии ба номи А. Баҳоваддинови Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон

Диссертатсияи Маҳмадова Фарзона Абдураҳмоновна дар мавзуи «Музокироти сиёсӣ ва хусусиятҳои бевоситаи он дар ҳалли низоъҳои минтақавӣ" (таҷрибаи кишварҳои Осиёи Марказӣ) барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои сиёсӣ аз рӯйи ихтисоси 5.6.4. "Проблемаҳои сиёсии муносибатҳои байналмилалӣ: инкишофи глобалӣ ва минтақавӣ"- и Институти фалсафа ва сиёсатшиносии ба номи А. Баҳоваддинови АМИТ иҷро шудааст.

Дар ҷараёни омода намудани диссертатсия Маҳмадова Фарзона унвонҷӯи шуъбаи масоили сиёсии муносибатҳои байналмилалии Институти фалсафа ва сиёсатшиносии ба номи А. Баҳоваддинови АМИТ ба шумор мерафт.

Маҳмадова Фарзона Абдураҳмоновна соли 2008 ба ихтисоси «Сотсиология»-и Донишгоҳи миллии Тоҷикистон дохил шуда, онро соли 2013 бо дипломи аъло хатм намудааст. Ӯ соли 2017 ба шуъбаи масоили сиёсии муносибатҳои байналмилалии Институти фалсафа ва сиёсатшиносии ба номи А. Баҳоваддинови АМИТ ба кор омадааст.

Номбурда бо фармоиши директори Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А. Баҳоваддинов аз 04.08.2021 таҳти № 117 ҳамчун унвонҷуй ба таҳқиқи кори илмӣ шуруъ намудааст.

Мавзуи таҳқиқоти диссертатсионии Маҳмадова Фарзона Абдураҳмоновна «Музокироти сиёсӣ ва хусусиятҳои бевоситаи он дар ҳалли низоъҳои минтақавӣ“ (таҷрибаи кишварҳои Осиёи Марказӣ) дар маҷлиси Шурои олимони Институти фалсафа ва сиёсатшиносии ба номи А. Баҳоваддинови АМИТ аз 27.08.2021, № 7 тасдиқ шудааст. Роҳбари илмии унвонҷӯй доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор Раҷабов Сайитумбар Адинаевич таъин гардидааст.

Маҳмадова Фарзона Абдураҳмоновна имтиҳонҳои номзадиро аз фанҳои зерин бомуваффақият супоридааст: аз фанни забони хориҷӣ (англисӣ) 28.02.2015 бо баҳои 4 (хуб), аз фанни таърих ва фалсафаи илм 16.06.2014 бо баҳои 4 (хуб) ва аз ихтисоси илмии 5.6.4. “Проблемаҳои сиёсии муносибатҳои байналмилалӣ: инкишофи глобалӣ ва минтақавӣ” -29.01.2026 бо баҳои 5 (аъло). Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон таҳти № 1385 ба Маҳмадова Фарзона Абдураҳмоновна маълумотнома дар бораи супоридани имтиҳонҳои номзадӣ додааст.

Диссертатсияи Маҳмадова Фарзона Абдураҳмоновна дар ҷаласаи шуъбаи масоили сиёсии муносибатҳои байналмилалии Институти фалсафа ва сиёсатшиносии ба номи А. Баҳоваддинови АМИТ аз 06.03.2026, №4 муҳокима гардидааст. Ба диссертатсия аз ҷониби муқарризон ва устодони кафедраи мазкур баҳои мусбат дода шуда, пас аз ислоҳи камбудиҳо диссертатсия ба зинаи навбатии ҳимоя тавсия карда шудааст.

Оид ба натиҷаи баррасии диссертатсия дар мавзуи «Музокироти сиёсӣ ва хусусиятҳои бевоситаи он дар ҳалли низоъҳои минтақавӣ“ (таҷрибаи кишварҳои Осиёи Марказӣ) чунин хулоса қабул карда шуд:

**Мутобиқати ихтисос ва номи мавзуъ ба шиносномаи ихтисос ва муҳтавои диссертатсия.** Диссертатсияи Маҳмадова Фарзона Абдураҳмоновна дар мавзуи «Музокироти сиёсӣ ва хусусиятҳои бевоситаи он дар ҳалли низоъҳои минтақавӣ“ (таҷрибаи кишварҳои Осиёи Марказӣ) аз рӯйи мазмуну мундариҷаи худ ба шиносномаи ихтисоси илмии 5.6.4. - Проблемаҳои сиёсии муносибатҳои байналмилалӣ: инкишофи глобалӣ ва минтақавӣ мутобиқат дорад. Дар банди 1-уми шиносномаи ихтисоси мазкур «Асосҳои иҷтимоӣ ва захираҳои ҳокимияти сиёсӣ», дар банди 5-ум «Сатҳу сифати сарварии сиёсӣ ва имиҷи сиёсатмадор», дар банди 8-ум «Субъект ва объектҳои раванди сиёсӣ» барои таҳқиқ пешбинӣ гардидаанд. Дар кори диссертатсионии довталаб ҷанбаҳои назариявию методологии таҳқиқи музокироти сиёсӣ ва хусусиятҳои бевоситаи он дар ҳалли

низоъҳои минтақавӣ дар таҷрибаи кишварҳои Осиёи Марказӣ, тавсифи музокироти сиёсию дипломатӣ ҳамчун навъи махсуси ҳалли низоъҳои минтақавӣ, хусусиятҳои бевоситаи музокироти сиёсӣ ва заминаҳои ба вуҷуд омадани низоъҳои минтақавӣ, мақом ва нақши музокироти сиёсӣ дар ҳалли низоъҳои минтақавӣ ва нишон додани нақши Эмомалӣ Раҳмонӣ ҳамчун Сарвари сиёсӣ дар раванди музокироти сиёсӣ мавриди омӯзишу таҳқиқ қарор гирифтаанд.

**Алоқамандии мавзуи диссертатсия ба самтҳои афзалиятноки рушди илм, техника ва технология дар ҷумҳурӣ.** Диссертатсияи мазкур аз рӯйи мазмуну мундариҷаи худ бо мавзуъҳои пешбининамудаи Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28.02.2025, таҳти №114 дар бораи «Самтҳои афзалиятноки таҳқиқоти илмӣ ва илмию техникӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030» мувофиқат менамояд. Дар қарори мазкур «манфиатҳои муҳимми миллӣ», «таҳдидҳои нави ҷаҳонӣ», «ваҳдати миллӣ», «муколамаи миллӣ» «терроризм» ва ғ. барои таҳқиқ пешбинӣ гардидаанд.

**Мутобиқати теъдод ва мазмуни интишороти натиҷаҳои илмӣ ба муҳтавои диссертатсия ва автореферати он.** Натиҷаҳои асосии таҳқиқи диссертатсионии Маҳмадова Фарзона Абдураҳмоновна дар мақолаҳои илмӣ ва маърузаҳои муаллиф нашр гардидаанд. Интишороти довталаб вобаста ба мавзуи таҳқиқи илмии ӯ чоп шудаанд ва аз рӯйи мазмуну мундариҷаи худ бо муҳтавои диссертатсия ва автореферати он пурра мутобиқат доранд. Муаллифи диссертатсия вобаста ба мавзуи таҳқиқи илмии худ 10 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 4 маъруза дар конференсияҳои ҷумҳуриявию байналмилалӣ ба нашр расонидааст. Теъдоди интишороти довталаб ба талаботи банди 35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30.06.2021, №267 (бо тағйиру иловаҳо бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26.06.2023, №295) тасдиқ шудааст, мутобиқат менамояд.

**Мавҷудияти санадҳои тасдиққунандаи татбиқи натиҷаҳои илмӣ дар истеҳсолот ё имконияти татбиқ намудани онҳо.** Маводҳои диссертатсияро дар таълими фанҳои «Сиёсатшиносӣ», «Низоъшиносӣ», «Манфиатҳои миллии Тоҷикистон», «Равандҳои сиёсии Тоҷикистон» ва «Геополитика» истифода намудан мумкин аст. Натиҷаҳои амалии таҳқиқоти мазкурро дар самти таҳияи барномаҳои давлатӣ ва стратегияҳои рушди давлати демократӣ, стратегияи рушди устувори давлати навини Тоҷикистон, ташаккули мавқеи

мусбии институтҳои сиёсии давлатӣ дар гуфтугӯҳои сиёсӣ истифода намудан мумкин аст. Метавон гуфт, ки натиҷаҳои амалии таҳқиқот метавонанд дар раванди пажӯҳиши муносибатҳои мутақобилаи давлат бо ҷомеа, музокироти сиёсӣ дар ҳалли низоъҳои минтақавӣ, ҳангоми таҳияи стратегия ва консепсияи сиёсати давлатӣ дар рушди муносибатҳо ва ҳамкории судманди минтақавӣ мавриди истифодаи васеъ қарор гиранд.

**Саҳми довталаб дар иҷрои таҳқиқи диссертатсионӣ.** Таҳлилу таҳқиқ ва таҳияи мавзуи диссертатсионӣ маҳсули меҳнати чандинсолаи фаъолияти илмии муаллиф мебошад. Дар ҳама давраи иҷроиши нақшаи кории илмӣ-таҳқиқотии пешбинишуда бо иштироки бевоситаи муаллиф роҳандозӣ шудааст. Саҳми шахсии Маҳмадова Фарзона Абдураҳмоновна дар муайян намудани мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот, муайян намудани объект ва предмети таҳқиқот, гузоштани масъалаҳои асосии таҳқиқот, коркарди муқаррароти назариявӣ ва методӣ, пешниҳод намудани тавсияҳои амалӣ инъикос меёбад. Хулосаҳое, ки дар диссертатсия ба назар мерасанд, натиҷаи таҳқиқоти мустақилонаи унвонҷӯй мебошанд.

Диссертатсияи «Музокироти сиёсӣ ва хусусиятҳои бевоситаи он дар ҳалли низоъҳои минтақавӣ“ (таҷрибаи кишварҳои Осиёи Марказӣ) ба ихтисоси интихобшуда пурра мувофиқат мекунад.

Диссертатсияи Маҳмадова Фарзона Абдураҳмоновна аз феҳристи ихтисораҳо, муқаддима, тавсифи умумии таҳқиқот, се боб, шаш зербоб, хулоса, тавсияҳо барои истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқот, рӯйхати адабиёти истифодашуда ва номгӯйи интишороти довталаб иборат мебошад.

Вобаста ба мавзуъ ва масоили таҳқиқи диссертатсионӣ 10 мақолаи илмӣ, дар маҷаллаҳои илмии дар феҳристи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон воридбуда интишор гардидааст, ки ҳаҷми умумии онҳо 6 ҷузъи чопиро ташкил медиҳанд.

Мундариҷаи асосии таҳқиқот аз рӯйи мавзуи диссертатсия дар таълифоти зерини муаллиф инъикос ёфтааст:

## I.Мақолаҳои илмӣ дар маҷаллаҳои тақризшавандаи тавсиянамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон:

**[1-М].** Маҳмадова Ф .А. Низои сиёсӣ, хусусият ва самтҳои гуногуни он дар равобити муносибатҳои байналхалқӣ ва миёнаравӣ//*[Матн]* Ф. А.

Маҳмадова, Ахбори ИФСҲ ба номи А.Баҳоваддинови АМИТ – Душанбе -2025 - №2 - С- 221-225. ISSN 2413-5151

**[ 2-М].** Маҳмадова Ф.А. Модели аврупоии ҳамгироии; вазъ, мушкилот ва дурнамо// *[Матн]* Ф. А. Маҳмадова. Муносибатҳои байналмилалӣ ва Амният. Душанбе- 2025 - №4 (16).- С.135-145. .

**[ 3-М]. Раджабов С., Махмадова Ф.А.** Пограничные комиссии в Таджикистане – роль, функции и проблемы //[*Текст*] **Раджабов С., Махмадова Ф.А** .Известия Интитута философии, политологии и права имени А.Баховаддинова Академии наук Республики Таджикистан. – 2015. – №4. – С.48-52.

**[ 4-М]. Махмадова Ф.А.** Роль лидерства в посредничестве и разрешения политических конфликтов //[*Текст*] **Махмадова Ф.А.** Известия Интитута философии, политологии и права имени А.Баховаддинова Академии наук Республики Таджикистан. – 2018. – №2. – С.87-90.

**[ 5-М]. Махмадова Ф.А.,** Мухаммад С.А. Диалог и некоторые отрицательные особенности политического терроризма // [*Текст*] **Махмадова Ф.А**. Мухаммад С.А. Известия Интитута философии, политологии и права имени А.Баховаддинова Академии наук Республики Таджикистан. – 2019. – №1. – С.161-165.

**[ 6-М]. Махмадова Ф.А.** Политические и дипломатические переговоры как особая орма урегулирование политического конфликта//[*Текст*] **Махмадова Ф.А.** Вестник НАНТ - № 1.- 2021

**[ 7-М]. Махмадова Ф.А.**Терроризм – религия или доктрина // [*Текст*] **Махмадова Ф.А** Известия Интитута философии, политологии и права имени А.Баховаддинова Национальной академии наук Таджикистана. – 2020. – №1. –С.75-85.

**[ 8-М].** Махмадова Ф.А. Национальное единство и цветные революции в условиях трансформации современного мира //[*Текст*] Махмадова Ф.А. Известия Интитута философии, политологии и права имени А.Баховаддинова Национальной академии наук Таджикистана. – 2020. – №2. –С.7585

**[ 9-М]. Махмадова Ф.А.** Роль политических переговоров в решении локальных конфликтов в Центральной Азии //[*Текст*] **Махмадова Ф.А.** Известия Интитута философии, политологии и права имени А.Баховаддинова Национальной академии наук Таджикистана. – 2020. – №3.

[ · 10-М]. **Маҳмадова Ф.А.** Политические и дипломатические переговоры как особая форма урегулирования политического конфликта // *Текст*] **Махмадова Ф.А.** Известия Академии наук Республики Таджикистан. Отделение общественных наук. – 2021. – №1.

**2. Маърӯзаҳои илмӣ :**

**[ 11-М].** Маҳмадова Ф .А. Ҷанбаҳои назарявию методологии ҳувият ва худшиносии миллӣ//. [Матн] /Ф.А. Маҳмадова Конфренсияи байналмиллалии илий-амалӣ: ИФСҲ ба номи А.Баҳоваддинови АМИТ 13 03 2026.

**[ 12-М].** Маҳмадова Ф.А. Экстремизми байналмилалӣ - хафу хатари ҷаҳони муосир// [Матн] /Ф.А. Маҳмадова Маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмию назариявӣ. Роҳҳои пешгирии экстремизм ва терроризм дар шароити имрӯза. - Душанбе, ДМТ - 9. 10. 2024.

**[ 13-М].** Маҳмадова Ф .А. Усули пешбурди музокироти Эмомалӣ Раҳмон дар раванди муколомаи сиёсӣ//. [Матн] /Ф.А. Маҳмадова Семинари илмию назарявӣ дар мавзӯи ҷумҳурияви “Накши олимонӣ ватанӣ дар ташаккули хизмати дипломатӣ” ДМТ- 22 01 2026.

**[ 14-М].** Маҳмадова Ф.А. Истиқлол ва муколамаҳои сиёсӣ. [Матн] /Ф.А. Маҳмадова / Маводи конференсияи илмӣ-назариявии ҷумҳуриявӣ бахшида ба 34-умин солгарди Истиқлоли давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Душанбе, – 2025. – С. 138-141

**Ҷаласа қарор кард:**

1.Диссертатсияи Маҳмадова Фарзона Абдураҳмоновна дар мавзуи «Музокироти сиёсӣ ва хусусиятҳои бевоситаи он дар ҳалли низоъҳои минтақавӣ“ (таҷрибаи кишварҳои Осиёи Марказӣ) барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои сиёсӣ аз рӯйи ихтисоси 5.6.4. “Проблемаҳои сиёсии муносибатҳои байналмилалӣ: инкишофи глобалӣ ва минтақавӣ” кори таҳқикии анҷомёфта ҳисобида шавад.

2. Диссертатсияи Маҳмадова Фарзона Абдураҳмоновна дар мавзуи «Музокироти сиёсӣ ва хусусиятҳои бевоситаи он дар ҳалли низоъҳои минтақавӣ“ (таҷрибаи кишварҳои Осиёи Марказӣ) барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои сиёсӣ аз рӯйи ихтисоси 5.6.4. “Проблемаҳои сиёсии муносибатҳои байналмилалӣ: инкишофи глобалӣ ва минтақавӣ” бо назардошти ислоҳи эродҳои гирифташуда, барои ҳимоя дар шурои диссертатсионии 6D.КОА-079-и назди Институти фалсафа ва сиёсатшиносии

ба номи А.Баҳоваддинови Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон тавсия дода шавад.

**Хулоса,** дар ҷаласаи №3-и шуъбаи масоили сиёсии муносибатҳои байналмилалии Институти фалсафа ва сиёсатшиносии ба номи А. Баҳоваддинови АМИТ аз 06.03.2026, қабул гардидааст.

Иштирок доштанд: ҳамагӣ – 12 нафар. Натиҷаи овоздиҳӣ: «тарафдор» - 12 нафар, «зид» - нест, «бетараф» - нест.

**Раиси ҷаласа:,**

Мудири шуъбаи масоили сиёсии муносибатҳои байналмилалӣ
дотсент Бедилзода Х.К.

**Котиби ҷаласа:**

номзади илмҳои сиёсӣ Муродов С.А.

Имзоҳои Бедилзода Х.К. ва Муродов С.А-ро тасдиқ менамоям.
Нозири калони ШК
Абдураҳмонзода Б.А. ____________________

НОЗИРИ КАДРҲО

Суроғаи муассиса:
734025. Ҷумҳурии Тоҷикистон
ш. Душанбе, хиёбони Рудакӣ , 33
т.8(992)37221-77-96.
Почтаи электронӣ, : info@ifppanrt.tj